*«Коммунизм учун»,*
*No 35 (2118), 20 марти 1960, с. 2-3*

# **Ҳирс**

(Ҳикоя)

*Ҳар он кас, ки қасди моли мардум кард,*
*Вуҷуди хеш оқибат з-олам гум кард.*

Чанд сол муқаддам буд. Моҳҳои сентябр. Рӯзе дар сояи чайлои ток, дар сари миз машғули дарстайёркунӣ будам. Ҷӯйчае аз канори ҳавлии мо ҷорист, ки вай дар байни боғчаву ҳавлӣ хизмати сарҳадро адо менамояд. Ҷӯйча хурд аст, бо вуҷуди ин барои равуо дар вай тахтае гузошта шудааст. Шумо ба кӯпрук эҳтиёҷе надоред, зеро бо як қадам худро он тарафи ҷӯй мегиред.

Не, наёфтед. Вай барои шахсони махсус бино ёфтааст. Оре, шахсони махсус. Барои бачагон... Ӯро ҳазор бор ёд диҳеду фаҳмонед, ки дар болои ҷӯй бозӣ кардан хавфнок аст - намешавад. Аз донистани худ намемонад. Он чизе, ки мудом баҳона меоварад, инест:

«Охир намемонетон-мӣ ман барои токи бобом хок кашонаму ангураш мӯл шава? Худи бобом мегӯян, ки ба решаи ток хок фоиданок аст…». Қанд занед, ки ба вай гап ёфта диҳед!.. Ҳамин тариқ, гуфтаи худро мекунаду аз гӯшаи ҳавлӣ бо тешаи бобояш хок канда, бо мошинчааш мекашонад.

Рӯзе машғули дарстайёркунӣ будам. Бародарзодаам ҳам бо кори худ банд буд; бо «Зис» ҳадаҳа хок мекашонд. Гоҳ-гоҳ сар бардошта, ба ҳаракати ӯ назар мекардам. Ва беихтиёр дар сарам фикрҳо падид меомаданд: кӣ мешуда бошад?.. Инженер?.. Шофер?.. Шоир?.. Конструктор?.. Аҷаб нест кошифи моҳу меҳмони Зуҳра гардад!..

Модарам дар дег хамир мекард, вале хушу ақлаш ба набераи беҷолаш банд буд. Дарстайёркунии ман давом мекард, ки модарам барои муштобгирӣ ба ҷӯй хам шуд ва ба наберааш гуфт:

- Ту кадом рӯз мисли Остонақул оқсақол ба ҷӯй меғалтию рӯзи ҳамаро сиёҳ мекунӣ!

Нидои модар пудаи хаёлро пош дода, риштаи диққатро сӯи худ кашид ва сар бардошта ба ҷиянам нигаристам: вай мошинчаи пури хокро аз болои ҷӯй мегузаронд, аз хавфи ғалтидан заррае ҳам парво надошт. Аз модар

пурсидам, ки Остонақулбой оқсақол кисту чӣ ҳодиса шуда буд. Модар бо табассуми ширину дилнавоз, ки фақат хоси модарон аст, гуфт:

- Писарам, ин як ҳикояти аҷибу дароз аст. Ман корҳоямро анҷом диҳам, баъд нақл мекунам. То он вақт ту ҳам дарсҳоятро тайёр карда мешавию ман ҳам дурусттар ба хотир меоварам.

* * *

Зимистони қаҳротун. Гӯё ба муносибати аз Бухоро баргаштани деҳқони мо бошад-ми барфи як ҳафта ин ҷониб беист борида истодагӣ қарор гирифтааст.

Давр-даври қарғаҳо шуд; онҳо тӯда-тӯда шуда гурросзанону, қарр-қарр-кунон ин тарафу он тараф парвоз мекунанд: аз дарахтон барфҳои ҷамъшуда мондаро мерезанд ва хӯсида боз парвоз мекунанд…

Бар сари харгӯшони бечора рӯзи сиёҳ борид: ризқу рӯзии онҳо зери барф монд. Бинобар ин дар ҷустуҷӯи ризқ ба қишлоқ омадаанд. Ҳоло аз бими одамони бебоку сагони бӯгир дар ҳарос афтода, ба худ паноҳгоҳ меҷӯянд.

Ана, ду-се ҷавони таёқдор сагро ҳайкиш дода, харгӯшеро думболагирӣ мекунанд…

Аҷаб зебост манзараи субҳи зимистони қишлоқ! Оҳ, табиат! Ҳар гуна шахс ҳам худро дар чунин субҳ бардаму ҷавон ҳис мекунад.

Ҳоло субҳ дамида истодааст, сафедӣ лашкари сиёҳро торумор намуда, худ ҳокими мавҷудот мегардад... Қишлоқ ҳанӯз аз хоб тамоман бедор нашудааст. Лекин ҳу, ана вай одам кист? Чаро ин қадар барвақт шитоб дорад? Куҷо рафтанист? Аҷабо!.. Ҳа, вай оқсақоли қишлоқ - Остонақулбой аст. Ҳамин тарз занону духтарони ба наҳр барои об омадагӣ азми куҷо кардани оқсақолро нафаҳмиданд.

Дина, бегоҳирӯзӣ ба Остонақулбой оқсақол хабар доданд, ки Аҳмад-акаи қиёдӣ аз Бухоро бозгаштааст. Мегӯянд, ки вай барои хонадор кардани писараш - Ҳасан лавозимоти тӯй, матоъҳои хуб ва як қолингилеми патдор овардааст. Худи бегоҳ оқсақол қарор дод, ки сари қадам ба қишлоқи Қиёд рафта ояд. Лекин барфи бошиддат борида истода оқсақоли азми роҳ кардаро баргардонида, лӯнда карда дар кадом сандалӣ ҷо кард…

Инак, шаб, ки ба қавли оқсақол, «сол гашт», рӯз шуд. Вай зуд аз ҷой бархоста, либосҳояшро пӯшид ва ихтиёри сафар намуд.

Вай аз ҳавлиаш баромада, ба тарафи чап гашт ва аз сари девори пастак:

- Ҷӯра! Ҳу Ҷӯра!-гӯён садо баровард. Шахсе тахминан 40-45 солаи сарлуч зери долон ҳозир омад.

Маълум, ки аз саросемагӣ факат ҷомаро бар китф гирифтааст. Ҷӯра дар ҳолати изтироб;

- Ҳа, лаббай! Охун-амак чи гап? Худаш тинҷӣ-мӣ?- гуфт.

- Ҳа, мегӯям, ки аз касофати шумоён барин бедину диёнатон хайру барака бардошта шудааст! Наход одам то ҳамин вакт хоб кунад?

- Охир, шаб то саҳар пунба...

- Бас, бас - гуфт оқсақол даст афшонда. Ҳолати худро тағйир дода, бо як қиёфаи ҷиддиву ҳузновар гуфт:

- Гӯри ин ҷаҳл сӯзад, ки… Охир бародар, мо мусулмон ҳастем. Тоату ибодат, хайру саховат, панҷ вакт намоз барои ҳар як бандаи худо, уммати Муҳаммад ҳам фарзу ҳам суннат мебошад... Ҳа, қариб, ки фаромӯш кунам: ба ту як кори савобро гуфтани будам: - дар ин пагоҳии чумъаи муродталаб ана ин роҳраву кӯчаро, ҳавлӣ ва болои боми хонаи мани бефарзандро аз барф тоза карда партоӣ, хеле савоб мегирӣ!

Суханашро гуфту оқсақол ба ғур-ғури Ҷӯра гӯш надода, ба тарафи рост гашт.

* * *

Қишлоқҳои Қиёд ва Гузари миёнаро наҳри калоне аз ҳам ҷудо месозад, ки ин наҳр оби худро аз Кофарниҳони зарниҳон гирифта, чандин қишлоқу деҳотро шодоб, садҳо полезу боротро сероб мегардонад.

Ҳоло оби наҳр ях бастааст. Аҳолӣ дар гузарҷойҳо яхро шикаста об мегиранд, дасту руй мешӯянд, мол об медиҳанд…

Воситаи робитаи ин ду деҳа ду кӯпрук мебошад, ки яке калону дувумаш пиёдагузар буда, аввалӣ дар болотари деҳоту дигарӣ - дар поинтар, дар мобайни қишлоқҳо воқест.

Одамон одатан дар зимистон «дур бошаду роҳ бошад» гуфтагӣ барин бо воситаи кӯпруки калон рафту омад мекунанд, зеро аз дуввумӣ гузаштан душвор аст; баъзеҳо ин кӯприкро «пули сирот» ҳам меноманд. Аз ин фақат ҷавонони ҷасур, одамони ба худ дилпур мегузаранд.

Оқсақол ҳам, ки то ин дам гуфтаи худро иҷро кардаасту хостаи худро молик шудааст, «пули сирот»-ро ихтиёр намуд.

- Аз афташ ба кадом чизе рағбати калон дорад, ки оби даҳонаш рафтааст, - гӯён ҷавонзани 25-30 сола, ки кӯзаи об дар бағалаш бармегашт.

- Оби даҳон, - такрор пурсид духтари моҳрӯи 15-16 сола рӯи худро аз рӯймол кушода истода.

- Эҳ, ин бечораяк надида мондааст-а! Туфи охуни оқсақол-бобоямон дар риши бузиаш биринҷак баста мондааст! - ҳама бо завқ хандиданд ва ба қафо - ба сӯи оқсақол нигаристанд, ки кадом тараф меравад.

Оқсақол аз истеҳзои духтарон пай бурд магар, ки қадамашро тезонид. Вай фақат як фикр дошт ва ба як савол ҷавоб меҷуст - чӣ бояд кард? Гилеми нағз бошад? Албатта нағз будагист - аз Бухоро моли бад намебарояд! Чӣ тавр рафтор кунам? Агар не гуфта зӯъмӣ кунад-чӣ? Не, ман аввал ба хонаи Облоқул меравам, вай восита мешавад. Охир, як деҳа дар дасти вай ку! Наход гапаш ба як деҳқон нагузарад? Исто, ки вай ин қадар пулро аз куҷо ёфт? Падар, ду писари баркамол. Меҳнати 3 кас чӣ ҳам мешавад? Ёфтам! Аз Облоқул қарз гирифтагӣ!

Кор пухт! Раваду худи Облоқул «не» гӯяд чӣ? Мол ба чашми вай ширин намояд? Не, ман дар ин ҷо шариатро ба пеш мегузорам.

Ман аз вай калон. Ман бародари ваям. «Мол аз калону кор аз хурд» гуфтаанд.

Чанд «Ҳикмати Қуръон»-ро мехонам, кор мепазад. Агар шуду баҳона ҷӯяд? Писарча дораму... якравӣ кунад? Не! Не! Мол аз калон аст.

Дили оқсақол беҳузур гашт, чашмонаш сиёҳӣ карданд, сараш чарх зад. Вай дар устувории қавлу гуфтори худ одат карда буд ва аз ин фахр мекард. Ҳоло низ савори рахши устуворӣ буду мастона «не-не!»- мегуфт. Дар миёнаи кӯпрук омадаасту аз хавф биме надорад ва дод мезад, ки «мол азони калон аст!» Вай тамоман маст шуда буд. Фақат ҳамон дам ба худ омад, ки дасту пояш аз «пули сирот» канда шуда, дар рӯи ях гурсосзанон зад. Яхи бузурге, ки тамоми сатхи оби наҳрро фаро гирифта буд, нолише бароварду як ҷисму ҷони одамиро фурӯ бурд…

**Раҳим Носир**